## Суратҷаласаи № 6

Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ.

«27» июни соли 2019. ш. Душанбе

**Иштирок намуданд:**

*А. Сатторзода – мудир, М. Муллоаҳмадов, В. Охониёзов, Ш. Муҳаммадиев, Ҷ. Саидзода, М. Акбарзод, А. Маликзода, С. Қозизода.*

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баррасии рисолаи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзӯи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ»

**Шунида шуд:**

**А. Сатторзода:** Барои баррасӣ рисолаи номзадии Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзӯи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» пешниҳод шудааст.

**М. Баёнов:** Дар диссертатсия муфассалан зиндагиву осори шоири асри 16 ва ибтидои асри 17 Камолиддин Саҳобии Астарободӣ баррасӣ шудааст. Аз ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълум мегардад, ки адабиёти асрҳои 16-17 то ҳол пурра мавриди таҳқиқи адабиётшиносон ва шарқшиносон қарор нагирифтааст. Ҳамин аст, ки имрӯз низ баъзе суханварон ва орифони ин давра, ки соҳиби осори пурарзиш мебошанд, аз назари таҳқиқ дур мондаанд. Алалхусус, Саҳобии Астарободӣ, яке аз шоирони боистеъдоди забардаст, ориф ва мутафаккири охири асри 16 ва аввали асри 17, ки то ҳол дар бораи ҳаёту фаъолияти адабии ӯ таҳқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст.

Диссертатсия дар асоси асли муқоисавию таърихии адабиётшиносӣ ва омӯзиши типологии навъҳои адабӣ таълиф шудааст. Дар рисола чунин масъалаҳо баррасӣ шудааст: вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии замони зиндагии Саҳобии Астарободӣ, рӯзгор ва осори ӯ, ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ, мавзӯъ ва муҳтавои ғазалиёти адиб, мавзӯъ ва муҳтавоии рубоиёти шоир ва ғайра.

Маводи асосии таҳқиқи муаллифи диссертатсияро «Девон» ва маҷмӯаи ашъори чопию қаламии худи Саҳобии Астарободӣ, асарҳои доир

ба поэтикаи дар асрҳои миёна таълифшуда, тазкираҳо, фарҳангу луғатномаҳо ташкил медиҳанд.

Қисматҳое аз диссертатсия аз ҷониби мо дар Конференсияи илмӣ-амалӣ ба ифтихори Рӯзи Парчами миллӣ дар мавзӯи «Ҷавонон–парчамбардори илми муосир» дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакии АИ ҶТ (Душанбе, 2016) ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа шудааст.

**Ш. Муҳаммадиев:** Хусусияти хоси диссертатсия аз он иборат аст, ки нахустин маротиба дар илми адабиётшиносӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолит, мероси адабӣ ва мазмуну муҳтавои ашъори Саҳобии Астарободӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. То имрӯз ҳаёту фаъолият ва осори шоир ба шакли як диссертатсия илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд. Аз мутолиаи диссертатсия ба хулосае омадам, ки рисолаи аспирант Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзӯи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

**А. Маликзода:** Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович, ки ба таҳқиқи рӯзгору осори Саҳобӣ бахшида шудааст, дорои аҳамияти хуби илмӣ мебошад. Зеро таълифи ин рисола қадами нахустин дар шинохти Саҳобии Астарободӣ маҳсуб мегардад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки ҷойгоҳи шоирро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муайян намояд. Инчунин, дар диссертатсия мазмуну муҳтавои ашъори шоир таҳқиқ шуда, баъзе вижагиҳои шеъри ӯ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Бояд гуфт, ки баъзе хатоиҳои техникӣ дар матни рисола роҳ ёфтааст, ки албатта ба мазмуни рисола халали ҷиддӣ ворид намесозанд.

Дар ҷараёни маҷлис ба аспирант аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа В. Охониёзов, Ш. Муҳаммадиев, Ҷ. Саидзода, М. Акбарзод, А. Маликзода, саволҳо пешниҳод гардид. Аспирант Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ба саволҳои онҳо ҷавоби қонеъкунанда дод.

**А. Сатторзода:** Сарчашмаҳо Саҳобиро яке аз орифони вораста ва покизаниҳоди маъруфи замони худ ба қалам додаанд. Онҳо доир ба рӯзгори Саҳобӣ иттилооте овардаанд, ки аз мақому мавқеи ин шоири ориф дар замони худ далолат мекунад. Аз ашъори ӯ бармеояд, ки дорои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии васеъ мебошад. Инчунин, аз ашъори пандуахлоқии ӯ метавон хулоса кард, ки шоир дорои таҷрибаи зиёди зиндагист. Таҷрибаи зиндагӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки ашъори пандуахлоқии мондагоре дар қолаби сухани мавзун рехта, ба ояндагон мерос гузорад.

Диссертатсияи М. Баёнов метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои 16-17 ба кор бурда шавад. Ҳамзамон бори таҳқиқи андешаҳои ирфонию ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад. Дар рисола аввалин бор тамоми маъхазҳо, хусусан тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир маълумот додаанд, зикр гардидаанд.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, барои ҳимоя ва дарёфти номзади илмҳои филологӣ пешниҳод карда шавад.

**Мудир:** **А. Саттторзода**

**Котиб:** **С. Қозизода**